«Тасдиқ менамоям»
Ректори Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» профессор
Ҷӯразода Ҷамшед Хабибулло
________________________
«_07_» _феврали_ соли 2020

# ХУЛОСАИ
## Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

Рисолаи номзадии Иброгимов Ҳошим таҳти унвони «Методикаи ташаккули салоҳияти хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути ҳалли масъалаҳои химиявӣ» дар кафедраи химияи умумӣ ва методикаи таълими они Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба иҷро расонида шудааст.

Рисолаи номзадӣ дар давоми таҳсил ҳамчун унвонҷӯи кафедра ба иҷро расонида шудааст.

Иброгимов Ҳ. «Донишкадаи давлатии педагоги Ленинобод ба номи С.М. Киров»-ро соли 1990 аз рӯйи ихтисоси химия ва биология хатм намудааст.

Моҳи июн ва декабри соли 2019 имтиҳони минимуми фалсафа ва забони хориҷиро бо баҳои аъло супоридааст.

Азизов Абдулатиф Абдуҳалимович-доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технология ва методикаи таълими он, факултети санъати тасвирӣ ва технология ба сифати роҳбари илмӣ таъин гардидааст.

Вобаста ба натиҷаи муҳокимаи пешакӣ чунин хулосабарорӣ карда шуд: Аҳамияти мавзӯи рисолаи номзадӣ дар шароити замони муосир бо муҳимияти ташаккул додани салоҳияти хонандагон тавассути ҳалли

масъалаҳои химиявӣ, ки бо мақсади ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият дар таълим ба роҳ монда шавад, муайян гардидааст.

Рисолаи номбурда дар сатҳи хуби илмиву назариявӣ ва амалӣ омода гардида, барои ҳалли масъалаи гузошташуда бо далелҳо асоснок карда шудааст.

Дар рисолаи номзадӣ қайд гардидааст, ки татбиқи методи нави «занҷир» зимни таълими ҳалли масъалаҳои химиявӣ бо назардошти муносибати босалоҳият ташаккул додан мумкин аст, агар аз тарафи омӯзгори дарсдиҳанда диққати ҷиддӣ нисбат ба раванди дарс дода шавад, инчунин азхудкунии назарияи педагогӣ, истифодаи усулҳои интерактивӣ ва муосир аз рӯи раҳнамо барои омӯзгор инъикос кунанд. Фақат дар чунин ҳолат усулҳои мақбули тафаккур ташаккул меёбад, ки қолабӣ будани донишро рафъ мегардадонад, малакаҳои худназоратӣ ба вуҷуд омада, мустақилият ва босалоҳиятӣ инкишоф гардонида мешавад.

Мазмуну мундариҷаи рисолаи номбурда ба шиносномаи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи таълим ва тарбия (химия) мутобиқат менамояд.

Рисола аз тарафи рисоланавис Иброгимов Ҳ. мустақилона дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили асарҳои педагогиву методӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, ҷамъбаст намудани таҷрибаҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд омода карда шудааст.

Объекти таҳқиқот ин раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз рӯи методикаи ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои 8 - 11 тавассути ҳалли масъалаҳои химиявӣ ба шумор рафта, ҳадафи таҳқиқот ин асосноккунии илмию педагогии интихоб кардани мундариҷа, шакл ва методҳои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути ҳалли масъалаҳои химиявӣ ва имкониятҳои истифодаи методикаи нав тибқи технологияҳои инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҶТ мебошад.

Ғояи пешбари таҳқиқот дар он аст, ки ташаккули салоҳиятҳои калидии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути ҳалли масъалаҳои химиявӣ бо назардошти муносибати босалоҳият ва ҳамкорӣ, таъсири мутақобилаи омӯзгор ва хонандагон, инчунин дониш дар бораи салоҳият, босалоҳиятӣ, муносибати босалоҳият, технологияи педагогӣ, усулҳои интерактивӣ, азхудкунии мунтазам ва ҳадафманди онҳо асос меёбад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он аст, ки дар кор бори нахуст раванди ташаккули қобилияти салоҳиятҳои калидии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути ҳалли масъалаҳои химиявӣ бо назардошти муносибати босалоҳият аз ҷиҳати илмию назариявӣ асоснок карда шуда, мафҳумҳои «салоҳият», «босалоҳиятӣ», «муносибати босалоҳият», «технологияи педагогӣ» муайян карда гардид, инчунин моҳияти салоҳиятҳои калидӣ ва нишондиҳандаҳои онҳо дар дарсҳои химия ҳангоми ҳалли масъалаҳо ошкор гардида шуд; меъёрҳои асосии тартиб додану интихоб кардани масъалаҳо оид ба химия барои таълими ҳалли онҳо дар асоси муносибатҳои интерактивӣ ва алгоритмӣ ба ташаккули асосҳои фаъолият ва консепсияи таълими ба шахсият нигаронидашуда тасвия шуд; барои омӯзгорон дастур оид ба ҳалли масъалаҳои химиявӣ ва методикаи нави «занҷир» таҳия гардида, асоснок карда шуд.

Арзиши назариявии таҳқиқот дар он мебошад: тасаввуроти назариявӣ оид ба мушаххас намудани мафҳумҳои «салоҳият», «босалоҳиятӣ», «муносибати босалоҳият» густариш ёфта, ҳамчунин нишондиҳандаҳои онҳо оид ба фанни химия дар синфҳои 8-11 муайян гардида, шароитҳои ташкилӣ ва педагогӣ аз ҷиҳати илмӣ коркардшуда доир ба ҳамкории хонандагон аз рӯи методи «занҷир» бо назардошти муносибати босалоҳият пешниҳод карда шудаанд.

Арзиши амалии натиҷаҳои илмии таҳқиқот дар он аст, ки татбиқи методи нави «занҷир» зимни таълими ҳалли масъалаҳои химиявӣ

муносибатҳои методӣ; шаклҳои гуногуни фаъолият, аз ҷумла дар машғулиятҳои химия дастурхо оид ба ҳалли масъалаҳо бо назардошти муносибати босалоҳият таҳия кардашударо дар амалияи омӯзгорони муассисаҳои таълимии тамоми мамлакат истифода бурда истодаанд. Саҳеҳию эътимодбахшии муқаррароти илмӣ, хулосаю тавсияҳои дар рисола баёнгардида тавассути методологияи “занҷир”, консепсияи илмии ташхиси педагогӣ, такя ба усулҳои назариявию эмпириявии таҳқиқот, ҳамчунин бо таҳлили шароиту натиҷаҳои кори таҷрибавию озмоишӣ, тасдиқи муқаррароте, ки пешниҳод шудаанд, истифодаи маҷмӯи усулҳое, ки ба ҳар марҳилаи тадқиқот мувофиқу мутобиқанд, таҷрибаи шахсии кори муаллиф таъмин карда мешавад.

Он тавсия ва пешниҳодҳое, ки барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, алалхусус омӯзгорони фанни химия дар хулосаи рисола оварда шудааст, метавонад ба ташаккули салоҳияти калидии хонандагон кумаки амалӣ ва ҳам назариявӣ расонанд.

Мундариҷаи асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии рисоланавис Иброгимов Ҳ. дар мақолаҳои мазкур инъикос ёфтаанд:

**I.Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

1.1.Иброгимов Ҳ. К проблеме понятий «компетентность» и «компетенция» // Вестник Таджикского национального университета. №9, Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2019. -С.263-267
1.2. Иброгимов Ҳ. Развитие ключевых компетенций учащихся на занятиях по химии // Вестник Таджикского национального университета. №10, Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2019. -С.290-297
1.3. Иброгимов Ҳ. Муносибати босалоҳияти таълими "химия" дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ // Вестник Худжандского государственного университета имени академика Б. Гафурова: Гуманитарные и

педагогические науки. – Худжанд: Нури маърифат, 2019,  № 1 (66)., саҳ. 124-130

**II. Нишондоди методӣ, барномаҳо:**

2.1. Иброгимов Ҳ. Китоби дарсӣ аз фанни «Химия» барои синфи 9. Нашри III. Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013.-223 с.

2.2. Иброгимов Ҳ. Тест аз фанни химия барои синфи 9. Хуҷанд: Меъроҷ, 2015.-50 с.

2.3. Иброгимов Ҳ. Тест аз фанни химия барои синфи 11. Хуҷанд: Меъроҷ, 2015.-100 с.

2.4. Иброгимов Ҳ. Китоби дарсӣ аз фанни «Химия» барои синфи 8. Нашри II. Душанбе: Шарқи озод, 2015.-260 с.

2.5. Иброгимов Ҳ.  Намунаи ҳалли масъалаҳои химиявӣ (ғайриорганикӣ). Қисми 1. Душанбе: Ашуриён, 2015.-192 с.

2.6. Иброгимов Ҳ. Дастури ёрирасон аз фанни химияи ғайриорганикӣ. Хуҷанд: Нури маърифат, 2016.-288 с.

2.7. Иброгимов Ҳ.  Намунаи ҳалли масъалаҳои химиявӣ (органикӣ). Қисми 2. Душанбе: Ашуриён, 2016.-130 с.

2.8. Иброгимов Ҳ.  Барномаи таълим ва нақшаи тақвимӣ аз фанни химия барои синфҳои 8-11 уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе: Принт, 2018.-112 с.

2.9. Иброгимов Ҳ.  Тест аз фанни химия барои синфи 10. Душанбе: Табъу нашр, 2018. - 48 с.

2.10. Иброгимов Ҳ.  Тест аз фанни химия барои синфи 11. Душанбе: Табъу нашр, 2018.-93 с.

2.11.ИброгимовҲ. Роҳнамои фанни химия, синфи 8-ум. Барои омузгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе, Маориф, 2018. -144 с.

2.12.Иброгимов Ҳ. Роҳнамои фанни химия, синфи9-ум. Барои омузгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе, Маориф, 2018. -164 с.

2.13. Иброгимов Ҳ.  Маводи аттестатсия аз фанни химия барои синфи 11. Душанбе: Табъу нашр, 2019. -63 с.

## III.Маводҳои конфронсҳо

3.1. Иброгимов Ҳ. Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ ва илми кимиё. Конференсияи илмӣ-назариявии байналмиллалӣ дар мавзӯи “Фалсафа, фанҳои риёзию табиатшиносӣ ва таҳсилот: проблема ва дурнамоии онҳо” бахшида ба 15 солагии Ваҳдати миллӣ ва 50 солаги доктори илмҳои физикаю математика, академики АИП ФР, профессор Абдулҳай Комилӣ, Қӯрғонтеппа, 2012.-514 с.-С.642-644

3.2. Ибрагимов Х. О вопросах химии и физики в трудах Абу Бакра Ар-Разӣ. // Наука и образование: новое время, № 5, 2016.-С.83-85

**Қарор қабул карда шуд:**

Диссертатсияи Иброгимов Ҳошим дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳияти хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути ҳалли масъалаҳои химиявӣ» аз нигоҳи мазмун ва мӯҳтаво муҳим арзёбӣ гардида, ҷавобгӯй ба меъёр ва талаботи Низомномаи тартиб додани дараҷаи илмӣ мебошад.

Рисолаи номзадии Иброгимов Ҳошим «Методикаи ташаккули салоҳияти хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути ҳалли масъалаҳои химиявӣ» барои соҳиб шудан ба дараҷаи номзади илмӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи таълим ва тарбия (химия) пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз тарафи номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедра Ахмедова З.И. тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи химияи умумӣ ва методикаи таълими они Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” қабул карда шудааст, ки дар ҷаласа 10 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо “тарафдор” 10 нафар, “муқобил” 0 нафар, суратҷаласаи №5 аз 27.12 соли 2019

Мудири кафедраи химияи умумӣ ва методикаи
таълими они Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Ахмедова Замира Сангинбоевна

Котиби кафедраи химияи умумӣ ва методикаи
таълими он, муаллима Алимова Моҳира Абдуҳакимовна

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, г.Мавлонбеков-1
Тел: +992 (92-761-44-59)
E-mail: amirjon-73@mail.ru

Имзои З.С.Ахмедова-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ-и МДТ «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» Ашрапова З.Н.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, г.Мавлонбеков-1